## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ). – Душанбе, 2025. – 167 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» ба доираи талаботи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Саттор Турсун аз намояндагони насли севуми адабиёти тоҷик ба шумор рафта, бо навиштани асарҳои муҳташаму ҷолиб дар таърихи адабиёти тоҷик нақши мондагор дорад. Вай бо асарҳои пурмуҳтаво ва шавқовари худ дар дили хонандагони тоҷик ва ҷумҳуриҳои бародар ҳамчунон ҷойгоҳе муассир боқӣ гузоштааст. Саидабону Саидзода Саид эҷодиёти ин адиби номиро фақат аз ҷиҳати тасвири воқеияти зиндагӣ таҳқиқ намуда, хосияти реалистии асарҳои адибро, ки паҳлуҳои гуногуни зиндагонии инсонҳоро фаро мегиранд, кашф кардан хостааст. Муҳаққиқ аз ҳикоя то повесу роман, муҳимтарин асарҳои нависандаро ҳиҷҷа карда хондаву таҳқиқ намуда, як рисолаи хеле хуби илмӣ ба вуҷуд овардааст ва аз ҳар ҷиҳат: гузоришҳои илмӣ, характеристикаи образу персонажҳо ҳамчун кашфи дунёи дили инсон фарқ карда меистад.

Муҳаққиқ як сабаби асосии пешрафт гирифтани эҷодиёти адибро дар он ҷиҳат мебинад, ки Саттор Турсун пас аз хатм кардани Донишгоҳи миллӣ бо тавсияи устод Мирзо Турсунзода дар вазифаҳои масъули мудири шуъбаи очерку публисистикаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, муовини сармуҳаррири маҷаллаи «Садои Шарқ» фаъолият менамояд, пасон мудири шуъбаи идеологияи Ҳизби Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Кумитаи Марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шореҳи сиёсии рӯзномаи «Ҷумҳурият», сармуҳаррири маҷаллаи «Помир» кор кардан ҳарчанд вақт мегирифтанд, вале ин гунаи фаъолият дар масъулияти эҷодии нависанда саҳми муносиб мегузоштанд. Диссертант яке аз сабабҳои пешрафт гирифтани нависандаи ҷавонро дар он ҷиҳат мебинад, ки ин шахси ҷавон аз қадамҳои аввал бо асарҳои адибони машҳури тоҷик ва нависандагони хориҷӣ шинос шуда, таҷрибаҳои пурсамари эҷодиашонро гирифта, сеҳри қалами устодони забардасти насри муосир, хусусан Сотим Улуғзодаву Фазлиддин Муҳаммадиев ва адибони муътабари ҷаҳонро ҷиддӣ омӯхтаву таҳқиқ карда, худро дар ҳамон сатҳ тайёр менамуд.

Ӯ аз адибони тоҷик, ки дар атрофаш буданд, миннатдору шукргузор будааст. Лекин аз ҷониби дигар, ба мулоҳизаи диссертант, дар бунёдаш сиёсатмадорӣ ҷой гирифта, ӯро баъзе маврид сахтгапу дағал, назарбаланд, боҷасорат, шартакигӯй низ мегардонидааст. Саидабону ин сифати

характери адиби пуркору меҳнатдӯстро аз ҷиҳати раҳбариву сиёсатмадорӣ қабул намуда, ӯро дар навбати худ, маҳфилоро, назарбаланд, ранҷондаашро зуд аз дил мебаровард ва ҳоказоҳо низ ба тасвир овардааст.

Диссертант аз нависандагон ва донишмандони зиёд ном мегирад, ки ҳамаашон сифатҳои гуногун ва хуби шахсӣ ва эҷодии Саттор Турсунро бо муҳаббат ва садоқати бепоён қайд менамоянд. Мақолаи А. Самадро зикр мекунад, ки дар ҳикояи «Ниҳоли меҳр» навиштааст: «Суханҳояш суфта, буррову нишонрас, тасвирҳояш доманадору табиӣ, қаҳрамонҳояш яклухт фаъол, андешапарвар, фалсафаашон чуқур ва ниҳоят мавзун, асарҳояш тозаву серпаҳлу ва барои имрӯзу фардо зарур» мебошанд. Ба фикри ин духтари доно, қариб ҳамаи муҳаққиқони эҷодиёташ аз устод Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ то дигар адабиётшиносон ҳама ба асарҳои ин адиби номвар чунин баҳоро ҷоиз донистаанд. Иқтибосҳои аз донишмандон овардашуда хеле зиёд буда, ҳамаашон ҷунин мазмун доранд.

Муҳаққиқ ҳанӯз дар замони зиндаву саломат будани адиб бо ӯ дар сари мавзуъ зиёд суҳбат ороста, падарашро устоди аввалин шунида, навиштанро аз адибони машҳури тоҷик ва аз адибони пурқуввати дунё омӯхтанашро таъкид кардааст. Насрашро таҳлилӣ, андешавӣ ва равонӣ номида, воқеияти зиндагиро бо ҳамаи паҳлуҳо ба андеша гирифтааст. Ба қавли ин муҳаққиқ, Саттор Турсун аз эҷодиёти ниёгон, дастовардҳои адабиёти олам фаровон корбар мешуд. Муҳаққиқ, ба симои зоҳириву ботинӣ ва маънавии инсон, кушода додани ҳолати руҳӣ, ба зиндагӣ бо умед нигаристани образҳо тоза назар дошт, Саргузашти ошиқона, ахлоқи ҳамида, психологияи образҳо асоси эҷодиёти ӯро ташкил менамоянд. «Нигина бо Собир буд, шавҳар кард ва боз назди Собир омад». Муҳаббат ва садоқати оғозгоҳӣ дар асарҳояш руҳияи равониро пурқувват нигаҳдорӣ кардааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Зимни пажуҳиш ва таҳқиқи маводди дастрас дар диссертатсия масъалаҳои рӯзгору осори нависанда, омилҳои ташаккули шахсияти эҷодии Саттор Турсун, нақши нависанда дар эҷоди ҳикоя ва повест дар адабиёти муосири тоҷик, мақоми Саттор Турсун дар инкишофи тамоилҳои асосии насри муосири тоҷикӣ,шеваҳои тасвири воқеияти зиндагӣ дар повестҳои «Сукути қуллаҳо», «Камони Рустам», «Мегӯянд, ки модарам...» ва «Санг дар бағал ба тӯфон», тасвири воқеияти зиндагӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор», тасвири ҳолатҳои равонӣ ва пуртазоди зиндагӣ, тасвири пайванди инсон ва табиат, таҳлили образҳо (шахсиятҳои достонӣ) ва забону сабки баёни нависанда мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсияи Саидзода Саида Саид дастовардҳо ва навгониҳои илмии зиёд дорад ва ҳамаи масъалаҳое, ки дар қисмати вазифаҳои таҳқиқ пеш гузошта шудаанд, ҳалли худро ёфтаанд. Аз ҷумла, рӯзгору осори Саттор Турсун, ташаккули шахсияти эҷодии ӯ, ҷойгоҳи ҳикоя ва

повестҳои нависанда дар адабиёти муосири тоҷикӣ, шеваҳои тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри нависанда, мавқеъ ва муҳтавои повестҳои Саттор Турсун дар адабиёти муосири тоҷикӣ, таҳлили ҳамаҷонибаи романи «Се рӯзи як баҳор», пайванди инсон ва табиат, пажуҳиши забон ва сабки баёни адиб таҳлили хуби илмӣ шудаанд. Инчунин, маҳорати эҷодии нависанда дар баррасии мавзуъҳо, тасвирҳо, гиреҳбандӣ ва ҳалли воқеаҳо, истифодаи диалогу монологҳо ва таҳлили образҳо хуб ва ҳунармандона таҳлил шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаву тавсияҳои илмӣ ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсияи Саидзода Саида Саид омадаанд, ҳама бар заминаи илмӣ асоснок карда шуда, мутобиқ ба талаботи таълифи диссертатсияҳои илмӣ мебошанд. Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ бо пажӯҳиши амиқи назариявии масъалаҳои мавриди назар таъмин гардида, ба тезисҳои муайяни методологиву асноди гуногунпаҳлуи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтору вазифаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ асос ёфта, барои пажӯҳиши вежагиҳои ташаккули шахсияти эҷодии Саттор Турсун, таснифи осори ӯ, ҷойгоҳи насри нависанда дар адабиёти муосири тоҷикӣ ва шеваи тасвири воқеияти зиндагӣ дар асарҳои ӯ боис гардидаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» аз муқаддима, се боб бо фарогирии фаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 167 саҳифаи чопи компютериро ташкил додааст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсияи Саидзода С.С., аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсияи Саидзода С.С. **«Омилҳои ташаккули шахсияти эҷодии Саттор Турсун»** унвонгузорӣ шуда, аз чор фасл иборат аст. Фасли якуми боби аввал **«Саттор Турсун ва роҳи эҷодии ӯ»** ном дорад ва дар ин фасл масъалаҳои макони таваллуд, таҳсил дар мактаб, донишгоҳ, эҷоди мақолаи аввалин, тавсияҳои устодон, кор дар соҳаҳои мухталифи эҷодӣ, хусусан дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ва ба камолоти нависандагӣ расидани Саттор Турсун ба таҳқиқ ва баррасӣ гирифта шудаанд. Дар фасли дувум **«Саттор Турсун ва таснифи асарҳои ӯ»** аввалин ҳикояҳо, повестҳо ва тадриҷан ба навиштани роман гузаштани нависанда то охирин навиштаҳояш ба таври хронологӣ таҳқиқ шудаанд. Фасли сеюм **«Густариши ҳикоя ва повест дар насри муосири тоҷикии солҳои 70-90»** унвонгузорӣ шуда, дар ин ҷо масъалаи мавқеи ҳикояи муосири тоҷикӣ дар солҳои 70-90 баррасӣ гардидааст. Фасли чорум **«Нақши ҳикояҳо ва повестҳои Саттор Турсун дар инкишофи тамоилҳои асосии насри муосири тоҷикӣ»** унвон дорад ва дар он нақш ва ҷойгоҳи ҳикояву повестҳои Саттор Турсун дар насри муосири тоҷикӣ таҳлил ва баррасӣ гардидаанд,

ки дар ин бора унвонҷӯй чунин таъкид кардааст: «Саттор Турсун, ки муаллифи беш аз 50 ҳикоя, 7 повест,1 роман, 4 эссе, 1 қисса барои кино, 20 новелла, беш аз 50 асари публисистӣ дар мавзуъҳои гуногун мебошад, аз марҳилаи аввали эҷодиёташ то охир ба хонандагон маъқул афтода, аҳли таҳқиқ ба осораш баҳои мувофиқ дода, ҳусну қубҳи осорашро воқеан арзищдоварӣ кардаанд, чунки осори ӯ дар раванди вусъат гирифтани насри воқеии тоҷикӣ, насри таҳлилӣ, насри андеша ва насри равонӣ, ки воқеияти зиндагиро бо ҳама паҳлуҳояш фаро мегирифт, эҷод шудаанд» (саҳ. 48).

Образҳои таълифнамудаи Саттор Турсун ҷавонони масъулиятшинос, мӯсафедони бовиҷдон, образҳои хурду калони боандешаанд. Диссертант дар асарҳои нависанда қисмати инсон, мавқеи шахс дар ҷомеа, одамгариву ноодамиро махсус зери назар доштааст. Дар «Чорсу» фиребу буҳтон, дар Сукути қуллаҳо» гурезаи замони ҷанг, дар «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх» асосҳои фалсафии ҳаёти инсон нависандаро ҳамчун мушоҳидакор ва ботаҳаммул нишон медиҳад. Дар ҳар боб хулосаи ҷудогона ворид шудааст.

Боби дувуми диссертатсияи Саидзода С.С. **«Шеваҳои тасвири воқеияти зиндагӣ дар повестҳои Саттор Турсун »** унвонгузорӣ шуда, дар дар ин фасл масъалаҳои мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии повестҳои нависанда ва дар маҷмуъ мавзуву муҳтаво ва таҳлили чаҳор повести Саттор Турсун: «Сукути қуллаҳо», «Камони Рустам», «Мегӯянд, ки модарам...» ва «Санг дар бағал ба тӯфон» анҷом дода шудааст. Унвонҷӯ натиҷаи таҳлили мавзуъ ва муҳтавои повестҳои нависандаро алоҳида-алоҳида чунин ҷамъбаст кардааст, ки натиҷагирии ҷолиб аст: «Саттор Турсун дар повести «Сукути қуллаҳо» – мавзуи бархӯрди образҳо, андешамандии онҳо, хиёнати рафиқ, дар «Камони Рустам» - мавзуи ишқу муҳаббат ва ахлоқ, дар «Мегӯянд, ки модарам...» - масъалаҳои лаҳзаҳои гуногуни зиндагии қаҳрамонҳо, радду бадали андешаҳо, мавзуъҳои таърихӣ, ҳофизаи образҳои марказии асар, воқеияти зиндагӣ, мавзуи одобу ахлоқ, дар «Санг дар бағал ба тӯфон» - масъалаҳои муҳимми воқеияти зиндагӣ, аз ҷумла зиддият, кинагирӣ ва анҷоми фоҷиабори онро табиӣ ва бовирибахш ва бо маҳорати баланд тасвир намудааст» (саҳ. 97).

Саидзода Саида Саид дар қисми повестҳо боз бештар ба мавзуъ нигариста, масъулияти нависандаро зиёдтар эҳсос намуда, аз тамоми хосияти образҳо ва ҳусни қаламии адиб хонандаро огоҳ кардан хоста, аз сужа мухтасар накл менамояд. Ин тартиби кор ба хотирест, ки хонанда дар як вакт аз сужаи асари бадеӣ ва ҳам аз накди муҳаққиқ бохабар шавад. Ва бештар ба мавзуи асарҳо, интихоби образҳо, ишқу муҳаббат, забони асарҳои бадеӣ ҷиддӣ ва масъулиятшиносона рафтор менамояд. Дар рисола зиндагии одамон, зиддиятҳои ахлоқӣ, мушоҳидакории образҳо, дарки олами ботинӣ мавзуъҳои асосии таҳқиқ қарор гирифтаанд. Содиқ аз ҷанг бо пойи ланг баргашта, вазифаи раисии колхозро идома дод, лекин ҷӯрааш Акбар аз ҷанг гурехта, дар пушти кӯҳҳо пинҳон шуда гашт, Содиқ аз аҳволаш огоҳ шуда, ӯро маҳкум намуд. Баъзе муҳаққиқони тоҷик миёни

ин асар ва асари Ч. Айтматов дар гурезаи ҷанг ва муносибат бо гургҳо умумият дидаанд, Муҳаққиқ дар асоси фикри Носир Салим ба хулосае меояд, ки қиссаи адиби тоҷик ду сол пеш таълиф шудааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Тасвири воқеияти зиндагӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор»** ном дорад ва аз чаҳор фасл фароҳам омадааст. Фасли якум **«Тасвири ҳолатҳои равонӣ ва пуртазоди зиндагӣ дар роман»** унвон дорад. Нависанда дар роман ҳолатҳои равонӣ (психологӣ) ва пуртазоди зиндагиро дар симои образҳои асар, ки воқеаҳои асар як марҳилаи ниҳоят нозук, пур аз моҷаро ва ивазшавии як сохти ҷамъиятиро ифода мекунад, баён доштааст. Воқеаҳои роман дар се рӯз ҷараён мегиранд, ҳаллу фасл мешаванд ва ҷамъбаст мегарданд, вале як марҳилаи томи таърихиро дар бар мегиранд. Дар бархӯрди образҳо ҳолатҳои равонии зиёд ва пуртазод ҷараён мегиранд, ки таҳлили онҳо дар диссертатсия ҷойгоҳи махсус дорад.

Фасли дувуми ин боб **«Тасвири пайванди инсон ва табиат дар романи «Се рӯзи як баҳор»** номида шудааст. Дар ин фасл унвонҷӯ масъалаи пайванди инсон бо табиатро ба таҳлил гирифтааст ва ҳодисаҳои боридани барфу борон, омадани сел, симои модагург ва ҷуфти ӯ бо номи Ғазабро, ки ҳайвонҳо ҷузъи табиатанд ва барои зиндагии худашон талош мекунанд, баррасӣ намудааст. Фасли сеюми ин боб **«Таҳлили образҳо (шахсиятҳои достонӣ) дар роман»** ном дорад ва ин ҷо унвонҷӯ ба образҳои марказии роман Усмон Азиз, Таманно, Анвар зерфаслҳои алоҳида ҷудо карда, онҳоро таҳлил кардааст. Дар роман образҳои дигар низ фаъолият доранд, аз ҷумла Сабоҳат, Сорохола, Қурбон, Каримов, Мурод, Ҳалимбой, Шермалик, Шокир, модагург, Ғазаб ва ғайра, ки ҳама дар ҷой ва мавқеи худ дар диссертатсия таҳлил ва баррасӣ шудаанд, ки натиҷагирии унвонҷӯ аз ин фасли ҳамин боб ҷолиб аст: «Саттор Турсун дар роман муваффақ бар он гардидааст, ки мавқеи шаҳрвандии инсон, бархӯрди неку бад – ҳам пастиву разолат ва ҳам хубиву сарбаландии шахсони гуногунро вобаста ба қисмату андешаву зиндагии онҳо ба тасвири бадеӣ бигирад. Дар роман инъикоси ҳолати рухӣ-равонии образҳо ва вусъати ҷараёни ҳодисаҳо бо тамоми ҷузъиёташон дар ҳудуди хеле кӯтоҳи замонӣ ҷараён гирифта, нишон дода шудаанд» (саҳ.133).

Саидзода Саида хонандаро агар пас аз маҳрумиятҳои зиёд ба мақсад расондани Фирӯзу Назокат огоҳ намояд, дар қиссаи «Камони Рустам» Шодмони 37-сола ба расмҳои кашидааш бо назари танқид нигоҳ кардааст, Ин ҷавон то ранги мушкилро наёбад, расм кашидан намехоҳад. Дар ин асар ба масъулияти касбу кор зиёд диққат додани адиб таҳқиқ шудааст. «Санг дар бағал ба тӯфон» аз кинагирӣ ва анҷоми фоҷеабори мудири ферма нақл мекунад. Муаллиф ҳатталимкон кӯшидааст, ки мазмуни баъзе асарҳоро кӯтоҳ оварда, хонандаро аз сужа ва сифатҳои олии асари бадеӣ огоҳ намояд.

Дар охирҳои султаи шӯравӣ дар илму адабу фарҳанги тоҷик баъзе намунаҳои норозигӣ ва эътироз мушоҳида шудан гирифтанд. Ин ҳодиса сабаби дар адабиёти муосири тоҷик ба вуҷуд омадани ду романи муқовимат гардид, ки ҳар ду аз ҷониби адибони баркамоли тоҷик Ҷумъа

Одина «Гузашти айём» ва Саттор Турсун «Се рӯзи як баҳор» навишта шуда буданд.. Ҳар дуи ин адибон аз зулму ситами истилогарони шӯравӣ ва намояндагони он, дигаре дар бораи образи коммунисти бавиҷдону бевиҷдон бо ҷиддият сухан ронда буданд, ки оқибат яке аз муаллифон ба фоҷеа мубтало гардид, романашро сӯзонданд, романи дигареро ба навиштаи Саидабону Саидзода, «сензураи сиёсии шӯравӣ ба чоп иҷозат намедод, вале бо дамидани нафаси гарми бозсозӣ соли 1988 ба шакли китоби алоҳида чоп шуд» (с. 100).

Романҳои мазкур аввалин намунаҳои барҷастаи адабиёти муқовимат буданд, ки адибон бо ҷиддият паҳлуҳои гуногуни сиёсати шӯравиро маҳкум менамуданд.

Образи Усмон Азизро, ки диссертант дар романи «Се рӯзи як баҳор» ба таҳқиқ гирифтааст, намунаи барҷастаи муқовимати фарзанди барӯманди тоҷик ба муқобили душманони беруна мебошад. Усмон Азиз бою бадавлат буда, соҳиби молу мулки аҷдодист, ба коргарони зердаст ва хизматгорон эҳтиром дорад, зулм наменамояд, ҳатто дар вактҳои холӣ бо чорводорон якҷо мол мечаронад, аммо онҳоро бой номида, ба Сибир ҳай карда бурданашон ба кадом сабаб аст? Нависанда аз золимии бойҳо, ки адибони солҳои бисту сӣ менавиштанд, қабул надорад, Усмон Азиз намунаи барҷаста ва тимсолест, ки шояд намунааш дар адабиёти ҷаҳон нонамоён аст. Аз ин рӯ, образи Усмон Азиз типикӣ нест. Лекин дар он миён бойҳои меҳрубон, инсонпарвар, бодиёнат бо вуҷуди кам буданашон дида шуда буданд. Нависанда ҳамин гуна шахсеро тасвир менамояд, ки бо вуҷуди зулм доштану куштор намудан муҳаббатпаноҳи халқу Ватани худ мебошад, Ватанашро дӯст ва азиз медорад. Ин шахс маҷбур шудааст, ки халқу ватанашро аз ҳуҷуми бегонагон муҳофизат намояд, ва дар сафи пеши мубориизон қарор гирад. Аз бойҳо пешсаф шудани образе ҳамчун Усмон Азиз, ба фикри мо, намунаи ибрати ҷаҳониён мебошад.

Ин образ ҳамчунин дар қатори босмачиён қарор дорад, лекин ӯ худро босмачӣ не, душман ҳисоб кардааст, «душмани ҳамаи он куффор, ки ба даст туфангу шамшер гурги гушна барин нохост ҳамла оварда, сарзамини мусулмонободи моро олуда кардаанд», тасвир шудааст. Ба таҳқиқи муаллиф, образи Усмон Азиз марди 45-сола, феълу атвораш пур аз тазод, лекин руҳаш қавист, оқил, зебо, босавод ва ҷасур буда, сарнавишти печ дар печ ва талх дорад. Инқилоби Октябрро сабаби бадбахтии халқ дониста, аз Ватан фирор карда, ба макру фиреби Иброҳимбек афтода, чунин сифатҳо ба худ гирифтааст. Шахси ҳассос, донишманд, раҳгумзада аст. Ӯ чанд ҷой таъкид кардааст, ки: «Ман ҳеҷ гоҳ босмачӣ набудам, бой! Босмачӣ—дузди шабгард, бедиёнат, хонасӯз, харобкор... Ман душман. Душмани ҳамаи онҳое, ки ба муқобили мо ба ҷанг хестаанд». Ҳолати руҳонӣ ва пуртазоди образи Усмон Назир дар се фасл пасу пеш оварда шуда, ба пайҳамии андешаҳо дар бораи Усмон Назир халал мерасонанд. Ба фикри мо, аввал аҳли хонавода, баъд шахси достонии ин образ, сипас симои образи мураккаби Усмон Назир гузориш ёбад, барҷастагии образро равшан намудор месозад.

Фасли чоруми боби сеюм **«Забон ва сабки баёни Саттор Турсун»** ном дорад. Дар ин фасл масъалаҳои забони осори нависанда, сабки фардии ӯ, маҳорат ва вуқуи нависанда дар интихоби мавзуи асарҳо, тасвири воқеаву ҳодисаҳо, шеваи баёни ӯ, истифодаи бамавриди нависанда аз зарбулмасалу мақолҳо, санъатҳои бадеӣ, корбурди лексикаи шоирона, вожаҳо ва ибораҳои русӣ-интернатсионалӣ, калимаҳои умумиистеъмолӣ, вожаҳои классикӣ, вожаҳои умумихалқӣ, нутқи персонажҳо, диалогҳо, монологҳо ва ғайра таҳлил ва таҳқиқ шудаанд.

Диссертант ин ҷо муфассал аз хосиятҳои забону услуби баёни нависанда Саттор Турсун сухан меронад. Мулоҳизаҳои адибро дар бораи забон овардааст: «Забон, забони ҳар як миллат гаронбаҳотарин хазинаи олам аст, дар он дили бузурги халқ метапад: вай ҳамон ҳофизаест, ки умеду орзуҳо, шодиву нокомиҳо, – хулоса, таърихи дуру дароз ва муқаддаси халқро дар худ зинда нигоҳ медорад» (с. 134). Ҳамчунин: «ҳусни ҳар асари бадеӣ дар забон муайян мешавад». Адиб, ба мулоҳизаҳои диссертант аз дурдонаҳои луғат васеъ истифода кардааст, асарҳояш дар пероҳани шинами бадеӣ навишта шудаанд. Аз санъатҳои бадеӣ фаровон кор мефармояд. Калимаҳои умумиистеъмолии маҳаллӣ (этак карда рафтан, ба таги аком кӯрпача партоед)-ро корбар шудааст. Забони тасвирро дилнишин қайд намуда, аз зиёд истифода менамояд, аз манзараҳои дилфиреби кӯҳистон, калимаву ибораҳои шоирона, (баёзи гардан, ҷавонии ҷон, синаҳои нор, субҳи баҳор) васеъ истифода кардааст. Дар хулоса аз сифатҳои олии асарҳои Саттор Турсун муфассал бо даҳ-дувоздаҳ рақам мулоҳиза менамояд.

Муҳимтарин асарҳои нависанда аз назари нақди адабӣ муфассал ба таҳқиқ расидаанд. Хусусан дар романи «Се рӯзи як баҳор» образи Усмон Азиз ҳамчун образи мураккаб аз паҳлуҳои гуногун: ба андеша гирифта шудааст. Ин образ, ба фикри муҳаққиқ, намунаи барҷастаи образи байналмилалист, ки бо тамоми таровату зебоӣ, ҳусну андом, характери шоиставу ботил, андешаҳои баркамолаш дар ҳифзи Ватану миллат бемонанд, ҳамчун душмани душманҳо нигошта шудааст. Муаллифи рисола дар бораи образи Анвару Таманно ҳамчун ошиқу маъшуқ таваҷҷуҳ намуда, онҳоро аз ҳар ҷониб таҳқиқ кардан метавонист. Пайванди инсон бо табиат дар симои Ғазаб ва модагург хеле хуб ба тасвир расидааст.

**Хулосаи** диссертатсия аз 13 банд иборат буда, дар ин бандҳо натиҷаи таҳқиқот аз масъалаҳои дар мундариҷаи кор овардашуда фароҳам омада, дар асоси маводи зиёди амаливу назарӣ бо майлу ҳаваси тамом навишта шудааст. Хулосаи диссертатсия ба равиши вазифаҳои дар таҳқиқот овардашуда ба забони равони илмӣ навишта шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии диссертатсия.** Аҳаммияти илмиву амалии таҳқиқот дар он нуктаҳо ба назар мерасад, ки маводи диссертатсия дар вақти навиштани бахше аз китобҳои дарсии таърихи адабиёти муосири тоҷикӣ, навиштани диссертатсияҳои номзадиву докторӣ ва рисолаҳои магистрӣ истифода бурда мешавад. Диссертатсияи Саидзода Саида Саид

аҳаммияти амалии хуби иҷтимоӣ дорад, чунки дар он масъалаҳои як давраи адабиёт ва нақши бевоситаи Саттор Турсун ҳамчун нависандаи бомаҳорат, сермаҳсул ва вуқӯъгӯй дар густариши масъалаҳои адабӣ ва иҷтимоӣ, ки адабиётшиносӣ ҷузъе аз иҷтимоиёт аст, таҳқиқ ва пажуҳиш гардидаанд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мақсади муайян, мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Услуби баён, масъалагузорӣ, баррасӣ, таҳқиқ ва мақолаҳои илмӣ аз саҳми шахсии муаллиф гувоҳӣ медиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар **5** мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфтаанд, ки дар охири диссертатсия ва автореферат оварда шудаанд.

Диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) сазовор аст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Банда аз мутолиаи рисолаи дар бораи ҳаёту эҷодиёти Саттор Турсун ва тасвири воқеияти зиндагӣ навишта шуда қаноатманд мебошам. Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Муаллифи диссертатсия муҳаққиқони эҷодиёти Саттор Турсун 15-16 нафарро ҳамеша дар мавридҳои зиёдякҷо такрор менамояд. Онҳоро айнан наоварда, ба унвони муҳаққиқони номбурда, ё тадқиқотчиёни эҷодиёти адиб ва ҳоказо номбар кардан хонандаро аз такрори нохуш ва дилбазан халос менамояд.

2. Образи Усмон Азизро, чунонки дар боло қайд кардем, дар се маврид пасопеш овардан ва боздид кардан зарурат дорад.

3. Ҳамаи образу персонажҳоро қаҳрамон наномем, қаҳрамон мисли Усмон Азиз ҷойгоҳи худро дорад. Қаҳрамон шахсест, ки хизматҳои бузурги сиёсиву ҷамъиятӣ иҷро менамояд.

4. Унвонҷу ҳангоми таҳлили масъалаҳои забон ва сабки баёни Саттор Турсун калимаҳои аслан классикӣ, умумиистеъмолӣ, русӣ-интернатсионалӣ-ро таҳлил намудааст, вале вожаҳои шевагии

умумиистеъмолии забони тоҷикиро, ки дар гӯйишҳои зодгоҳи нависанда ба кор бурда мешаванд, ҷудо накардааст.

5. Дар китобномаи диссертатсия баъзан асарҳое вомехӯранд, ки ба мавзуи кор дахл надоранд.

Ин камбудиҳои ҷузъӣислоҳшаванда буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам наменамоянд. Диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар сатҳи зарурии илмиву пажуҳишӣ таълиф шуда, вазифаҳои гузоштаашуда пурра ва бомуваффақият иҷро гардидаанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаррризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
сарходими илмии шуъбаи адабиёти муосири
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон — Раҳмонов Шоҳзамон Абдуқодирович

28.01.2026

Суроға: 734019, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Сино,
кӯчаи И.Сомонӣ 61-1, ҳ.10
Тел: +992 904-18-66-48
E-mail: shohzamon-46@mail.ru

Имзои Раҳмонов Шоҳзамонро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳои Институти
забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ — Давлатов Фирдавс Қосимович

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21
Тел: 2-21-60-11
E-mail: noila@internet.ru

28.01.2026